**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D 020500 – Филология (6D 020501 - Адабиёти тоҷик)**

Диссертатсияи номзадии Лайламои Худойназар ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои камомӯхташудаи таърихи адабиёти тоҷики замони Истиқлол - рӯзгор ва фаъолияти эҷодии яке аз адибони сермаҳсули ҳавзаи адабии Хатлон, ки то ба имрӯз дар қолаби диссертатсия шарҳу баррасӣ нагардидааст, бахшида шудааст.

Дар афтореферат ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ ба таври возеҳ ва мушаххас нишон дода шудааст. Муаллиф мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсиониро омӯзиши рӯзгору фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар муқаррар карда, дар баробари ин таснифи жанрии осори манзуму мансур, хусусиятҳои ғоявию бадей, сохтори ҳунарии осор, сабки баён ва ҳунари нигорандагии адибро низ мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор дода ва дар маҷмуъ онҳоро аз вазифаҳои асосии кори таҳқиқии хеш арзёбӣ намудааст.

Аҳаммияти назарии диссертатсияи мавриди назар дар он зоҳир мешавад, ки дар он бори нахуст рӯзгор ва осори Ғаффоралӣ Сафар таҳқиқ гардида, саҳми ӯ дар пешрафти ҳавзаи адабии Хатлон дар даврони истиқлол муайян карда шудааст. Инчунин, дар диссертатсия вижагиҳои жанриву мавзуӣ, мундариҷаи ғоявӣ, хусусиятҳои бадеиву услубии осори адиб ва ҳунари нигорандагии ӯ бо далелҳои мушаххас мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Аз таҳқиқи диссертант маълум мегардад, ки мавзуъҳои тасвири ишқу муҳаббат, ситоиш ва накуҳиши замон, тасвири табиат, васфи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, тарғиби ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ, эҳтирому арҷгузорӣ ба заҳамоти волидайн дар ашъори шоир мавқеи муҳим доранд.

Ба қавли диссертант, яке аз мавзуъҳое, ки дар ашъори шоир мавқеи вижа дорад, мавзуи ватану ватандӯстӣ мебошад. Шоир барои баланд бардоштани

ҳувияти миллӣ ва ҳисси ватандӯстии насли ҷавони кишвари тоҷик китоби таърихи миллатро варақгардон намуда, сабақи гузаштагонро ёдовар мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки дигар мавзуоти иҷтимоӣ низ дар ашъори шоир ҷойгоҳи муҳим дошта, онҳо низ ба таври муфассал аз тарафи диссертант таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Ҳамчунин, аз таҳқиқи диссертант маълум мегардад, ки шоир барои боз ҳам хонданбобу равон гардидани ашъораш аз санъату ороёҳои бадеӣ ҳунармандона истифода намудааст. Диссертант дар ин хусус чунин овардааст: «Ашъори Ғаффоралӣ Сафар, дар баробари дигар муҳассаноти шакливу мазмуние, ки доранд, бо санъатҳои гуногуни бадеӣ низ ороста буда, ин саноеъ лутфи гуфтор ва ҷаззобати маънавии ашъори шоирро афзудаанд» (автореферат, саҳ. 18).

Аз таҳқиқи масъала маълум мегардад, ки санъатҳое, амсоли ташбеҳу истиора, тавсифу таҷнис, муболиғаву иғроқ, кинояву маҷоз, ташхису тазод, тамсилу талмеҳ ва ғайраҳо дар ашъори шоир истифода шудаанд.

Унвонҷӯ кӯшиш намудааст, ки диссертатсияи номзадии хешро дар заминаи мисолҳои фаровон накду баррасӣ намуда, хулосаҳои муҳимми илмиро ба даст орад, ки ин икдом аз васеъ будани доираи мутолиа ва омӯзиши ӯ шаҳодат медиҳад.

Ба андешаи мо, диссертант аз уҳдаи вазифаҳои дар назди худ гузоштааш ба хубӣ баромадааст. Ҷобаҷогузории қисматҳои диссертатсия низ ба талаботи имрӯзаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ аст.

Аммо бо ин ҳама муҳассанот дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки рафъи онҳо, ба назари мо, барои боз ҳам баланд бардоштани арзиши илмии кори диссертатсионӣ мусоидат хоҳанд кард:

1. Хуб мебуд, ки диссертант зимни таҳқиқу баррасии фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар ба осори илмии ӯ низ, ки дар шакли маҷмуаҳои илмӣ ба дасти чоп расидаанд, назари иҷмолӣ менамуд.

2. Дар автореферати диссертатсия назари танқидии муаллиф кам ба чашм мерасад. Хуб мешуд, ки муаллиф дар баъзе мавридҳо роҷеъ ба масъалаи мавриди таҳқиқ андешаҳои интиқодии худро баён менамуд.

3. Дар фишурдаи диссертатсия баъзан хатоҳои имлоию китобат ба назар мерасанд.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқи анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд. Диссертант аз уҳдаи ҳалли вазифаҳои пешбинишуда ба хубӣ баромада, ба хулосаҳои саҳеҳи илмӣ расидааст.

Аз мундариҷаи фишурда бармеояд, ки муаллифи он бо масъалаҳои меҳварии адабиёт ошно буда, завқу фаҳмиши хуб дорад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» ба талаботи таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 - Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад.

Муқарриз,
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи
умумидонишкадавии филологияи
тоҷик ва забонҳои хориҷии
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва
санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода: Наимова Фарзона
«16» январи соли 2026

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи А. Фирдавсӣ 5/12, ҳ. 14.
Тел: + 992 55 785 0110
E-mail: oytullojan2010@qmail.com

Имзои Наимова Фарзонаро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва
санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода: Нуриддинзода Ф.Б.

Нишонӣ: 724032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
хиёбони Борбад 73а.
Тел: (+992 37) 231 1827; факс (+992 37) 231 1545; сомона; www.ddst.tj

«16» январи соли 2026